«ТАСДИҚ ШУДААСТ»
Бо фармони Директори
ҶСДММ «Спитамен Суғурта»
аз «01» 10 2020с., №21/20
Мурватов Б. Н.

# ҚОИДАИ
# СУҒУРТАИ ИХТИЁРИИ ТИББИИ САЙЁҲОН

Душанбе - 2020

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## МУНДАРИЧА


1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ ........ 3

2. СУБЪЕКТИ СУҒУРТА ........ 6

3. ОБЪЕКТИ СУҒУРТА ........ 6

4. ҲОДИСАҲОИ СУҒУРТАВӢ ........ 6

5. ХАВФҲОИ СУҒУРТАВӢ ........ 8

6. ТАРТИБИ МУАЙЯ НАМУДАНИ МАБЛАҒИ СУҒУРТАВӢ ........ 8

7. ТАРИФИ СУҒУРТАВӢ ........ 9

8. МУКОФОТИ СУҒУРТАВӢ (ҲАҚҚИ СУҒУРТАВӢ) ........ 9

9. ТАРТИБИ БАСТАН, ИҶРО ВА ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ШАРТНОМАИ СУҒУРТА ...... 10

10. ҲУҚУҚУ УҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО ........ 12

11. ТАРТИБ ВА МУАЙЯН НАМУДАНИ ҲАЧМИ ЗИЁН Ё ЗАРАР ........ 15

12. ТАРТИБИ МУАЙЯНКУНИИ МАБЛАҒИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ (ПАРДОХТИ ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ) ........ 15

13.ҲОЛАТҲОИ РАД КАРДАНИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ (ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ)16

14. ТАРТИБИ ҲАЛЛИ БАҲСҲО ........ 19

Замимаҳо ........ 20


БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

# 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. ҶСДММ “Спитамен Суғурта” (минбаъд–Суғуртакунанда) дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қоидаи суғуртаи ихтиёрии тиббии сайёҳон (минбаъд – Қоида) суғуртаи ихтиёрии тиббии шаҳрвандоне, ки ба хориҷа сафар мекунанд, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мешаванд, ё ин ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон сайёҳат мекунанд (минбаъд – Суғурташаванда, шахсони суғурташуда) амалӣ менамояд.

1.2. Қоидаи мазкур хароҷоти тиббии Суғурташаванда (шахси суғурташуда)-ро, дар мавриди рух додани ҳолати нохуш ё бемории нобаҳангом танзим менамояд.

1.3. Тибқи Шартномаи суғуртаи ихтиёрии тиббии сайёҳон (минбаъд-Шартномаи суғурта) Суғуртакунанда уҳдадор мешавад, ки ба Суғурташаванда (шахси суғурташуда) ҳангоми фарорасии ҳодиса (ҳодисаи суғуртавӣ) ба ивази маблағи дар Шартномаи суғурта қайду шартшуда (ҳаққи суғуртавӣ) хароҷоти пешбининашуда ва зарареро, ки дар робита бо расидани зиён ба ҳаёт ва саломатии онҳо ба вуҷуд омадааст, дар доираи маблағи суғурта ҷуброн намояд.

1.4. Шартномаи суғурта бо шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар асоси мувофиқаи тарафайн ба имзо расонида мешавад.

1.5. Дар Қоидаи мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода бурда мешаванд:

- **Суғуртакунӣ** – муносибатҳо оид ба ҳимояи манфиатҳои қонунии молумулкии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми рух додани ҳодисаҳои суғуртавии муайян аз ҳисоби фондҳои пулии аз мукофотҳои суғуртавии (ҳаққи суғуртавии) пардохтшуда, инчунин маблағҳои дигари ташкилоти суғуртавӣ, ки аз ҷониби ташкилоти суғуртавӣ ташаккул ёфтаанд.
- **Беморӣ (касалӣ)** – ин ҳар кадом бемории ҷисмонӣ, ки дар натиҷаи ҳодисаи нохуш ба вуҷуд омадааст ва ташхиси он дар ҷараёни муҳлати суғурта дар асоси аломатҳои объективии ба илми тиб маълум аз ҷониби табиб гузаронида шудааст, агар дар Шартномаи суғурта дигар ҳодиса пешбинӣ нашуда бошад. Санаи беморӣ ин он санае ба ҳисоб меравад, ки шахси суғурташуда аввалин маротиба ба табиб барои ёрии тиббӣ вобаста ба беморӣ муроҷиат намудааст, ки бо ҳуҷҷати расмии тиббӣ ва ё бо санаи гузаронидани ташхис тасдиқ карда мешавад.
- **Сайёҳ** - шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки аз ҷойи истиқомати доимӣ ба макони дигари

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

будубоши муваққатӣ бо мақсади солимгардонӣ, шиносоӣ, зиёрат, тиҷорат, варзиш ва мақсадҳои дигари вобаста ба саёҳат сафар мекунанд.

– **Суғуртакунанда** – Ҷамъияти суғуртавии дорои масъулияти маҳдуди «Спитамен суғурта», ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти суғуртавиро дар асоси иҷозатнома, ки аз ҷониби мақоми назорати суғуртавӣ дода шудааст, амал мекунад.

– **Суғурташаванда** - шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки бо Суғуртакунанда Шартномаи суғуртаро бастааст.

– **Шахси суғурташуда** – шахси воқеӣ, ки ба фоидаи ӯ шартномаи суғуртаи шахсӣ баста шудааст ва ё шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ки бо шартномаи суғуртаи ҷавобгарии гражданию ҳуқуқӣ, ҷавобгарии ӯ суғурта карда шудааст.

– **Фоидагиранда -** шахси воқеи ё ҳуқуқӣ, ки аз ҷониби Суғурташаванда барои гирифтани пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) дар Шартномаи суғурта таъин шудааст ва дар полиси суғуртавӣ дарҷ гардидааст.

– **Бистарикунонӣ** – дар табобати шабонарузии статсионарӣ, дар муассисаи тиббӣ қарор доштани шахси суғурташуда (ба истисноӣ статсионари рӯзона), ки дар натиҷаи ба шахси суғурташуда рух додани ҳодисаи нохуш ва ё бемори дар давраи амали суғурта оид ба хавфҳо ба амал омадааст.

– **Хавфи суғуртавӣ** - ҳодисаи эҳтимолӣ, ки дар ҳолати рух додани он суғурта анҷом дода мешавад.

– **Тарифи суғуртавӣ** - арзиши воҳиди рӯйпушкунии суғуртавӣ.

– **Мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ)** – маблағи пулии дар Шартномаи суғурта дарҷшуда, ки онро Суғурташаванда уҳдадор аст ба Суғуртакунанда бо тартиб ва дар мухлатҳои дар Шартномаи суғурта муқарраргардида пардохт намояд.

– **Пардохти суғуртавӣ** - маблағи пулӣ, ки Суғуртакунанда ба Суғурташаванда (фоидагиранда) дар доираи маблағи суғуртавӣ ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ бо шахси суғурташуда, мепардозад.

– **Маблағи суғуртавӣ** - маблағи пулие, ки ба он объекти суғуртавӣ суғурта карда шудааст ва он ҳаҷми ниҳоии масъулияти Суғуртакунандаро ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ дар бар мегирад.

– **Ҳодисаи суғуртавӣ** - воқеае, ки ҳангоми рух додани он Суғуртакунанда тибқи Қонун, Қоидаи суғуртавии мазкур ва Шартномаи суғурта бояд пардохти суғуртавиро (пардохти ҷуброни суғуртавиро) анҷом диҳад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

– **Полиси суғуртавӣ** - ҳуҷҷате, ки воқеияти баста шудани Шартномаи суғурта ва тибқи талаботи Шартномаи мазкур мавриди амал қарор гирифтани уҳдадориҳои Суғуртакунандаро оид ба пардохти ҷуброни суғуртавӣ (пардохти суғуртавӣ) тасдиқ менамояд.

– **Ҳодисаи нохуш** - ҳодисаи ногаҳонӣ ва кӯтоҳмуддате, ки сарфи назар аз иродаи инсон рух дода, дар натиҷаи он ба ҷисми суғурташуда таъсири берунии механикӣ, барқӣ, кимиёвӣ ё гармӣ расидааст, инчунин аз таъсири офатҳои табиӣ саломатии ӯ зарар дида, ӯ маъюб гаштааст ё фавтидааст.

**- Ташкилоти адҷастерӣ** – шахси ҳуқуқие, ки манфиатҳои ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) оид ба танзими эродҳои аз ҷониби суғурташаванда пешниҳодшударо вобаста ба ҳодисаи суғуртавӣ намояндагӣ менамояд, инчунин хавфро баъди ҳодисаи суғуртавӣ арзѐбӣ намуда, уҳдадориҳои ташкилоти суғуртавиро (азнавсуғуртакуниро) ба асос гирифта, маблағи ҷуброни суғуртавиро муайян менамояд ва хулосаи экспертӣ тартиб медиҳад.

– **Муассисаҳои тиббӣ** - ташкилоте, ки аз рӯи қонунгузории давлат, ки дар он шахси суғурташаванда қарор дорад барои расонидани хизмати тиббӣ ҳуқуқ дошта, дар онҳо фаъолияти худро амалӣ менамоянд.

– **Ташкилоти адҷастерӣ** - шахси ҳуқуқие, ки манфиатҳои ташкилоти суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) оид ба танзими эродҳои аз ҷониби суғурташаванда пешниҳодшударо вобаста ба ҳодисаи суғуртавӣ намояндагӣ менамояд, инчунин хавфро баъди ҳодисаи суғуртавӣ арзёбӣ намуда, уҳдадориҳои ташкилоти суғуртавиро (азнавсуғуртакуниро) ба асос гирифта, маблағи ҷуброни суғуртавиро муайян менамояд ва хулосаи экспертӣ тартиб медиҳад ва хизматрасонии зеринро пешниҳод менамоянд:

1) пешниҳод кардани хизмати тиббӣ ва дигар хизмат, ки бо шартҳои Қоидаии мазкур ва Шартномаи суғурта пешбинӣ шудааст;

2) муайян кардани сабабҳо ва андозаи зараре, ки ба ҳаёт, саломатӣ ва молу мулки шахсони суғурташуда расидааст;

3) танзим кардани зарар;

4) тартиб додани сертификати садамавӣ оид ба пардохтани хароҷоти сарфшуда бобати ба Суғуртакунанда пешниҳод намудани он.

– **Франшиза** - озод кардани Суғуртакунанда аз ҷуброни қисми мувофиқашудаи зарари Суғурташаванда мебошад, ки дар шартҳои суғурта пешбинӣ шудааст.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

## 2. СУБЪЕКТИ СУҒУРТА

2.1. Мувофиқи шартҳои ҳамин Қоида Суғуртакунанда, Суғурташаванда, шахси суғурташуда, фоидагиранда, ташкилоти адҷастерӣ, ташкилоти хизматрасон (Ассистанс) ва ширкатҳои миёнарав (Агентҳои суғуртавӣ) субъекти суғуртавӣ ҳисобида мешаванд.
2.2. Аз рӯи ин намуди суғурта шахсони суғурташуда, фоидагиранда аз синни 1 сола, ки ба дохили кишвар ва хориҷӣ кишвар барои саёҳат, фаъолияти корӣ, сафари хизматӣ, таҳсил, сайругашт ва аз рӯи корҳои шахсӣ ба муддати аз 3 рӯз то 1 сол (агар дар Шартномаи суғурта муҳлати дигар пешбинӣ нашуда бошад) сафар мекунанд, ба суғурта фаро гирифта мешаванд.

## 3. ОБЪЕКТИ СУҒУРТА

3.1. Объекти суғурта манфиатҳои шахсии ғайримолумулкии Суғурташаванда мебошанд, ки бо хароҷотҳои расонидани ёрии тиббӣ ба шахси суғурташуда (фоидагиранда) ё хароҷотҳои иловагии пешбинишуда, ки бо фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ алоқаманд мебошанд, ба ҳисоб меравад.

## 4. ҲОДИСАҲОИ СУҒУРТАВӢ

4.1. Ҳодисаи суғуртавӣ ҳодисаи бамиёномада ба ҳисоб меравад, ки бо Шартномаи суғурта пешбинӣ гардида, ҳангоми фарорасии он уҳдадории Суғуртакунанда бобати пардохтани маблағи суғурта пайдо мешавад.
4.2. Ба вуҷуд омадани хароҷоти пешбинигардида дар натиҷаи фарорасии ҳодисаҳои зерин ҳодисаи суғуртавӣ маҳсуб меёбад:
- **Беморӣ** – халалёбии саломатӣ, ки дар давраи амали Шартномаи суғурта дар ҳудуди суғурта ба таври ногаҳонӣ сар зада, дахолати фаврии тиббиро талаб мекунад, инчунин бемории сироятии "Короновирус"(**COVID-19**);
- **Зарари ҷароҳати узвҳо ва/ё бофтаҳо дар натиҷаи ҳодисаи нохуш.** Дар зери мафҳуми ҳодисаи нохуш ҳодисаи кӯтоҳмуддати ногаҳоние

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

фаҳмида мешавад, ки дар ҳудуди суғурта рух дода, дар натиҷа ҷароҳат, дигар халалёбӣ ба саломатӣ ё фавтро ба вуҷуд овардааст;

**- Фавти шахси суғурташуда.**

- **Хароҷот оид ба баргардонидани шахси суғурташуда ба ватан.** Дар сурати фавти шахси суғурташуда Суғуртакунанда баргардонидани ҷасади ӯро то марзи кишвар, шаҳр ё вилояти зисти доимии ӯ ташкил намуда, хароҷоти вобаста ба ин бавуҷудомада, аз ҷумла тайёр кардани ҷасад, хариди маводи барои ҳамлу нақли байналмиллалии тобут зарурӣ ва интиқоли молу мулки ба ӯ тааллуқдоштаро мепардозад. Суғуртакунанда барои ҳифзи молу мулки шахсии шахси суғурташуда, ташкил ва хароҷоти дафнкунӣ ҷавобгар буда наметавонад.

**- Хароҷоти марбут ба таҳвили иттилооти фаврӣ.** Суғуртакунанда таҳвили иттилоотеро, ки бо фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ марбут аст, ба ширкати хизматрасон мепардозад. Хароҷоте, ки дар Шартномаи суғурта зикргардида, ба шахси суғурташуда бидуни огоҳ намудани ширкати хизматрасон дар давоми 3 рӯзи тақвимӣ аз санаи фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ ва ё бидуни огоҳ намудани Суғуртакунанда дар муддати 30 рӯзи тақвимӣ аз санаи фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ расидааст, ба андозаи дар Шартномаи суғурта зикршуда, ҷуброн карда мешавад.

4.3. Ҳангоми фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ хароҷоти шахси суғурташуда дар доираи маблағи суғуртавӣ ҷуброн карда мешавад.

4.4. Ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ аз ҷониби Суғуртакунанда ё намояндааш пардохти суғуртавӣ бо тартиби зерин амалӣ карда мешавад:

- дар ҳолати мавҷуд будани Шартнома байни Суғуртакунанда ва ташкилоти хизматрасон (Ассистанс), барои гирифтани кӯмаки зарурии тиббӣ шахси суғурташуда бояд бо шабакаи хидмати шабонарузӣ алоқа намуда, ба муассисаи тиббии пешниҳодшуда муроҷиат намояд;
- дар ҳолати мавҷуд набудани Шартнома байни Суғуртакунанда ва ташкилоти хизматрасон (Ассистанс), шахси суғурташуда мустақилона ҳаққи хизмати тиббиро пардохт намуда, баъди бозгашт барои гирифтани ҷуброни зарар, дар муҳлати на зиёда аз 10 рӯзи корӣ аз рӯзи бозгашт ба Суғуртакунанда бо аризаи хаттӣ муроҷиат менамояд.

Барои гирифтани пардохти суғуртавӣ шахси суғурташуда, фоидагиранда ё ворисиси қонунии онҳо бояд ҳуҷҷатҳои зеринро бо забони давлатӣ пешниҳод намояд:

а) Дар ҳолати ҷароҳат бардоштан ё бемор гардидани шахси суғурташуда дар хориҷи кишвар (сайёҳ дар дохили Ҷумҳурии Тоҷикистон):

- ариза;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

- полиси суғуртавӣ;
- нусхаи шиноснома (хориҷӣ) ё шаҳодатномаи таваллуд;
- иқтибос аз таърихи бемории;
- маълумотнома бо имзову муҳр тасдиқгардида оид ба номгӯи хизматрасониҳои тиббии расонидашуда;
- расид оид ба маблағҳои масрафшуда.

б) Дар ҳолати фавти шахси суғурташуда.
- аризаи ворисӣ қонунӣ ё фоидагиранда;
- полиси суғуртавӣ;
- нусхаи хатти вафот;
- нусха ба таври нотариалӣ тасдиқшудаи шаҳодатнома дар бораи ҳуқуқ ба мерос (барои ворисӣ қонунӣ).

4.5. Пас аз пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо ва маълумоти дар боло зикршуда Суғуртакунанда уҳдадор аст, ки дар муддати 10 рӯзи корӣ (агар ҳодисаи суғуртавӣ тафтиши иловагиро талаб накунад) санади суғурта тартиб дода, дар он эътироф намудан ё эътироф нанамудани ҳодисаи содиршударо ҳамчун ҳодисаи суғуртавӣ тасдиқ кунад.

4.6. Дар муддати 5 рӯзи корӣ аз санаи тасдиқ кардани санади суғурта Суғуртакунанда уҳдадор аст, ки маблағи суғуртавиро пардозад ё пардохтани онро бо огоҳ намудани шахси суғурташуда (фоидагиранда) ба таври хаттӣ бо асоснок кардани сабаби радкунӣ амалӣ намояд.

## 5. ХАВФҲОИ СУҒУРТАВӢ

5.1. Ҳодисаи нохуш, бемории ногаҳонӣ ё фавти шаҳрвандоне, ки ба хориҷа сафар мекунанд, ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мешаванд ё ин ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон сайёҳат мекунанд ба хавҳои суғуртавӣ мансуб мебошанд.

## 6. ТАРТИБИ МУАЙЯН НАМУДАНИ МАБЛАҒИ СУҒУРТАВӢ

6.1. Маблағи суғуртавӣ ҳадди ниҳоии андозаи пардохти суғуртавиро ифода намуда, аз ҷониби Суғурташаванда вобаста ба талаботи кишвари сафар аз рӯи ҷадвали тарифҳои суғуртавӣ, ки ба Қоидаи мазкур замима карда мешаванад, интихоб карда мешавад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Маблағи суғуртавӣ ва мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) дар полиси суғуртавӣ бо асъори хориҷӣ вобаста ба кишвари сафар дарҷ карда мешавад.

6.2. Мутобиқи созиши тарафҳо дар Шартномаи суғурта мумкин аст андозаи зарар (франшиза) шартан ё ғайришартан, ки аз ҷониби Суғуртакунанда ҷуброн карда намешавад, муқаррар гардад.

6.3. Ҳангоми франшизаи шартӣ зараре, ки андозаи он аз андозаи франшизаи муқарраршуда камтар аст, ҷуброн карда намешавад. Агар андозаи зарар аз андозаи франшиза зиёд бошад, пас он дар доираи уҳдадориҳои Суғуртакунанда мувофиқи шартҳои Шартнома ба таври пурра ҷуброн карда мешавад. Ҳангоми франшизаи ғайришартӣ пардохти суғуртавӣ ба андозаи зарари расида дар доираи маблағи суғуртавӣ бо тарҳ кардани франшиза пардохта мешавад.

6.4. Франшиза мумкин аст барои ҳамаи уҳдадориҳои Суғуртакунанда ё ҷудогонаи он аз маблағи суғуртавӣ бо розигии суғурташаванда бо фоиз ё бо маблағи мутлақ муқаррар карда шавад.

## 7. ТАРИФИ СУҒУРТАВӢ

7.1. Ҷадвали тарифи суғуртавӣ вобаста ба ҳодисаи суғуртавӣ, муҳлати сафар, маблағи суғуртавӣ, мақсади сафар, синну соли Суғурташаванда, кишвари сафар ва дигар омилҳои ба дараҷаи таваккали таъсиррасонанда таҳия шуда, ба Қоидаи мазкур замима карда мешавад.

## 8. МУКОФОТИ СУҒУРТАВӢ (ҲАҚҚИ СУҒУРТАВӢ)

8.1. Мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) аз рӯзи муҳлати сафари шахси суғурташаванда мувофиқи ҷадвали тарифи суғуртавӣ, ки ба Қоидаи мазкур замима карда мешавад, ҳисоб карда мешавад. Андозаи мукофоти суғуртавии (ҳаққи суғуртавии) шахсони суғурташавандае, ки синашон аз 65 зиёд аст, аз андозаи мукофоти суғуртавии (ҳаққи суғуртавии) муқарраршуда як маротиба зиёд мебошад.

8.2. Мукофоти суғурта якбора пардохта мешавад.

8.3. Мукофоти суғурта мумкин аст бо пули нақд тавассути хазинаи Суғуртакунанда ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Суғуртакунанда дар муҳлати дар Шартномаи суғурта зикршуда пардохта шавад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

8.4. Ҳангоми муайян кардани андозаи мукофоти суғуртавӣ Суғуртакунанда тарифҳои таҳиянамудаашро, ки бо мақоми назорати суғуртавӣ мувофиқа шудааст, истифода мебарад. Тарифҳо бо назардошти объекти суғурта ва хусусияти таваккали суғуртавӣ аз маблағи суғуртавӣ бо фоиз муқаррар шудааст.
8.5. Ҳангоми муайян кардани андозаи ҳаққи суғуртавӣ Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад, ки коэффисиентҳои танзимкунандаи афзоянда ва камшавандаро истифода барад.

## 9. ТАРТИБИ БАСТАН, ИҶРО ВА ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ШАРТНОМАИ СУҒУРТА

9.1. Шартномаи суғурта дар асоси муроҷиати шифоҳӣ ё хаттии Суғурташаванда баста мешавад. Ҳангоми суғуртакунии коллективӣ ба ариза рӯйхати шахсони суғурташуда илова карда мешавад.
9.2. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад Шартномаи суғуртаро ба фоидаи худ ё шахси сеюм бандад. Инчунин, шахси ҳуқуқӣ - Суғурташаванда метавонад шартномаи суғуртаро ба фоидаи шахсони воқеӣ бандад.
9.3. Шартномаи суғурта дар шакли хаттӣ бо роҳи тартиб додани як ҳуҷҷати бо намуди истифоданамудаи Суғуртакунанда, ки тарафҳо имзо намудаанд ва ё аз ҷониби Суғуртакунанда дар асоси аризаи Суғурташаванда ба ӯ додани полиси суғуртавӣ, ки Суғуртакунанда имзо намудааст, баста мешавад. Дар охир розигии Суғурташаванда бобати бастани Шартнома бо шартҳои пешниҳоднамудаи Суғуртакунанда бо қабул кардани полиси суғуртавӣ аз Суғуртакунанда тавассути дар нусхаи дуюми он (нусхаҳо) дар ин бора гузоштани қайд ё аризаи хаттии Суғурташаванда ё расид тасдиқ карда мешавад.
9.4. Баъди пардохти мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) Суғуртакунанда ба Суғурташаванда полиси суғуртавӣ медиҳад. Дар ҳолати аз ҷониби Суғурташаванда гум кардани полиси суғуртавӣ, Суғуртакунанда аз рӯи аризаи шакли муқаррарӣ ба Суғурташаванда нусхаи онро медиҳад. Полиси гумшуда аз рӯзи пешниҳоди ариза беэътибор ҳисобида шуда, аз рӯи он даъво қабул карда намешавад.
9.5. Шартҳои дар Қоидаи мазкур дарҷгардида, вале ба матни Шартномаи суғурта ворид нагардида барои Суғурташаванда ҳатмӣ мебошанд, агар дар Шартномаи суғурта истифодаи ин Қоидаи мустақиман зикр ёфта, бо

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

Шартномаи суғурта дар як ҳуҷҷат ифода гардида ё ба он замима шуда бошад.

9.6. Ҳангоми бастани Шартномаи суғурта Суғурташаванда уҳдадор аст, ки ба Суғуртакунанда ҳолатҳои барои муайян кардани эҳтимолияти фаророрасии ҳодисаи суғуртавӣ ва андозаи зарари эҳтимолӣ аз фарорасии он (ҳодисаи суғуртавӣ) аҳамияти муҳим доштаро, ки ба ӯ маълуманд, иттилоъ диҳад, агар ин ҳолатҳо ба Суғуртакунанда маълум нестанд ва набояд маълум бошанд. Дар ҳар сурат, ҳолатҳое, ки дар Шартномаи суғурта, дар ариза оид ба суғуртакунӣ ва ё дар дархости хаттиаш ба таври муайян Суғуртакунанда қайду шарт намудааст, ҳолатҳои муҳим эътироф карда мешаванд.

9.6.1. Агар пас аз бастани Шартномаи суғурта муқаррар карда шавад, ки Суғурташаванда ба Суғуртакунанда оид ба ҳолатҳои дар боло зикршуда дидаю дониста маълумоти бардурӯғ додаст, Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад, ки беэътибор эътироф кардани Шартномаро талаб намояд.

9.6.2. Агар ҳолатҳое, ки дар бораи онҳо Суғурташаванда маълумот надодааст, барҳам хӯрда бошанд, Суғуртакунанда ҳақ надорад, ки беэътибор эътироф кардани Шартномаи суғуртаро талаб намояд.

9.7. Шартномаи суғурта ба муҳлат аз се рӯз то як сол баста мешавад. Шартномаи суғурта бо Суғурташавандагон - сайёҳони хориҷӣ, ки ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид мешаванд аз лаҳзаи пардохт кардани мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) ба Суғуртакунанда, то лаҳзаи баргаштани онҳо ва аз назорати сарҳадӣ гузаштанашон амал мекунад. Шартномаи суғурта бо Суғурташавандагон - шаҳрвандоне, ки ба хориҷа сафар мекунанд аз лаҳзаи пардохт кардани мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) ба Суғуртакунанда ва ворид шудан ба давлати макони шахси суғурташуда то ба Ҷумҳурии Тоҷикистон баргаштан амал мекунад.

Шартномаи суғурта бо Суғурташавандагон - шаҳрвандоне, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон сайёҳат мекунанд аз лаҳзаи пардохт кардани мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) ба Суғуртакунанда ва баромадан аз минтақаи маҳалли истиқомати доимӣ то баргаштан ба минтақаи маҳалли истиқомати доимӣ амал мекунад.

9.8. То давраи оғози амали Шартномаи суғурта Суғурташаванда ҳуқуқ дорад, ки ба Шартнома бо розигии Суғуртакунанда тағйиру илова ворид намояд. Дар ҳолати қатъ гардидани сафар ба хориҷа бо ягон сабаби узрнок, Суғурташаванда (сайёҳ, шахси суғурташуда) бояд то оғози муҳлат амали Шартнома бо ариза оид ба бекор намудани Шартномаи суғурта муроҷиат намояд. Дар ҳолати то оғози амали Шартномаи суғурта

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

бекор намудани он бо сабабҳои узрнок мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) бо тарҳи 50 фоиз мукофоти суғуртавии пардохтшуда баргардонида мешавад. Пас аз санаи оғози амали Шартнома (новобаста аз ба хориҷа сафар намудани шахси суғурташуда) мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) баргардонида намешавад.

9.9. Ҳангоми бастани Шартномаи коллективии суғурта пас аз пардохтани ҳаққи суғуртавӣ ба хазинаи Суғуртакунанда ё ба суратҳисоби ӯ дар муҳлати дар Шартномаи суғурта зикршуда, Суғуртакунанда ба ҳар як шахси суғурташуда полиси суғуртавӣ медиҳад.

9.10. Шартномаи суғурта дар ҳолатҳои зерин қатъ карда мешавад:

- бо гузаштани муҳлати амал;
- тибқи шартнома ба таври пурра уҳдадориҳояшро иҷро кардани Суғуртакунанда (қатъ гардидани иҷрои уҳдадориҳо);
- барҳамхӯрии Суғурташаванда, ки шахси ҳуқуқӣ маҳсуб меёбад ё фавти Суғурташаванда, ки аз рӯи ин Шартномаи суғурта шахси суғурташуда ба ҳисоб меравад;
- барҳамхӯрии Суғуртакунанда, дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- аз ҷониби суд қабул кардани қарор оид ба беэътибор эътироф кардани Шартномаи суғурта, ки қувваи қонунӣ пайдо кардааст;
- бо созиши Тарафҳо;
- дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

9.11. Шартномаи суғурта дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон беэътибор эътироф карда мешавад.

## 10. ҲУҚУҚУ УҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

**10.1. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад:**

- ҳангоми бастани Шартномаи суғурта намудҳои Шартномаи суғурта ва полиси суғуртавии таҳиянамудаашро мавриди истифода қарор диҳад.
- маълумоти пешниҳоднамудаи Суғурташаванда, инчунин аз тарафи ӯ риоя гардидани талабот ва шартҳои Шартномаро санҷад;
- ҳангоми барои гирифтани пардохти суғуртавӣ муроҷиат намудани Суғурташаванда ҳолати рух додани ҳодисаи суғуртавиро тафтиш намояд;
- дар ҳолати зарурӣ ба мақомоти салоҳиятдор дархост фиристонад;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

- дар ҳолати ба ҳодисаи суғуртавӣ мансуб набудан (сӯиқасд намудан ба ҷони худ, худкушӣ ва амалҳои хилофи қонун) ва додани маълумоти бардурӯғ дар бораи вазъи саломатиаш ва мақсади сафар ҳангоми барасмиятдарории полиси суғуртавӣ, додани пардохти суғуртавиро рад намояд;

- дар бораи ҳолатҳои афзояндаи таваккали суғуртавӣ огоҳшуда тағйирдиҳии шартҳои Шартномаи суғурта ё пардохтани ҳаққи иловагии суғуртавиро мутаносиб ба афзоиши таваккал талаб мекунад. Агар Суғурташаванда ба муқобили тағйирдиҳии Шартномаи суғурта ё пурра пардохтани ҳаққи суғуртавии мутаносиб ба таваккали афзоянда дар даврае, ки ҳолатҳои афзояндаи таваккали суғуртавӣ пайдо шуда бошанд, баромад намояд, қатъ кардани Шартномаи суғуртаро талаб кунад. Ҳангоми уҳдадориҳояшро бобати хабар надодани афзоиши таваккали суғуртавӣ иҷро накардани Суғурташаванда қатъ кардани Шартномаи суғурта ва ҷуброн кардани зарари бар асари он расидаро талаб намояд.

**10.2. Суғуртакунанда уҳдадор аст:**

- Суғурташавандаро бо Қоидаи суғуртавӣ шинос намояд;

- баъди ба расмият даровардани полиси суғуртавӣ ҳамаи масъулиятро барои саривақт додани пардохти суғуртавӣ ба зимма гирад;

- маълумотро дар бораи Суғурташаванда, шахси суғурташуда ва Фоидагиранда, инчунин маълумотро дар бораи вазъи молу мулкии ин шахсон, ки ба ӯ дар натиҷаи иҷрои фаъолияти касбӣ маълум шудаанд, махфӣ нигоҳ дорад;

- ҳангоми ҳодисаи суғуртавӣ маблағи суғуртавиро бо тартиб ва дар мухлати муқаррарнамудаи Қоидаи суғуртавии мазкур шартнома пардозад;

- ҳангоми бастани шартномаи коллективии суғурта пас аз пардохтани мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) ба ҳар як шахси суғурташуда полиси суғуртавӣ диҳад;

- дар ҳолати гум кардани полиси суғурта бо шарти пардохти арзиши тайёр кардани полиси суғурта нусхаи онро ба Суғурташаванда (шахси суғурташуда) пешниҳод намояд.

**10.3. Суғурташаванда ҳуқуқ дорад:**

- дар сурати гум кардани полиси суғуртавӣ, нусхаи (дубликати) онро дар асоси ариза аз Суғуртакунанда гирад;

- дар ҳолати бо сабабҳо узрнок даст кашидан аз сафари хориҷа, полиси суғуртавиро ба Суғуртакунанда баргардонида қисми мукофоти суғуртавиро (ҳаққи суғуртавӣ) гирад;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

- дар ҳолати рад намудани ҳақгузории пардохти маблағи суғуртавӣ аз тарафи Суғуртакунанда мувофиқи талаботи қонунгузории амалкунанда ба мақомоти дахлдор арз намояд.
- бо Қоидаи суғурта шинос шавад;
- аз Суғуртакунанда ҳангоми ошкор кардани маълумоти дар натиҷаи иҷрои фаъолияти касбиаш, дар бораи Суғурташаванда, шахси суғурташуда ва (ё) фоидагиранда, инчунин дар бораи вазъи молу мулкии ин шахсон гирифтаи ӯ, ҷуброни зарарро талаб кунад;
- ба қисми мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) ҳангоми пеш аз муҳлат даст кашидан аз Шартномаи суғурта, агар ин бо Шартномаи суғурта пешбинӣ шуда бошад.

**10.4. Суғурташаванда уҳдадор аст:**

- пас аз бастани Шартномаи суғурта бо тартиб ва дар муҳлати муқаррарнамудаи Шартномаи суғурта ҳаққи суғуртавиро пардозад;
- ҳангоми ба расмият даровардани полиси суғуртавӣ ба Суғуртакунанда маълумоти дақиқро, ки барои муайян кардани дараҷаи хавф аҳамият дорад, пешниҳод намояд;
- пас аз он, ки фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ ба ӯ маълум шуд, дар муҳлати пешбининамудаи Шартномаи суғурта дар бораи чунин фарорасӣ Суғуртакунанда ё намояндаи ӯро бо тарзу усуле, ки дар Шартномаи суғурта муайян гардидааст, огоҳ кунад.
- дар давраи амали Шартномаи суғурта дар давоми як рӯз ба Суғуртакунанда дар бораи тағйироти муҳими ба ӯ маълумшуда иттилоъ диҳад, агар ин тағйирот ба афзоиши таваккали суғуртавӣ моҳиятан таъсир расонда тавонанд;
- ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ на дертар аз 10 рӯзи корӣ баъди баргаштан аз хориҷа, барои гирифтани пардохти суғуртавӣ ба тариқи хаттӣ муроҷиат намояд;
- дар ҳолати рух додани ҳодисаи суғуртавӣ бо ташкилоти ассистансӣ ва ташкилотҳои суғуртавии хориҷӣ, ки бо Суғуртакунанда шартнома оиди ҳамкорӣ доранд хизмати тиббиро бо онҳо мувофиқа намояд;
- ҳуҷҷатҳои исботкунандаи ҳодисаи суғуртавӣ ва хароҷоти тиббиро, (таърихи беморӣ, хулосаи тиббӣ, ҳисобнома, борхат ва амсоли он) пешниҳод намояд;
- бо дархости Суғуртакунанда муоинаи тиббиро гузарад;
- шахсони суғурташударо бо Қоидаи суғурта шинос намояд;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

- шахси суғурташуда ҳуқуқ дорад, ки аз Суғурташаванда полиси суғуртавиро бо замимаи Қоидаи мазкур ва ҳангоми гум кардани полиси суғуртавӣ нусхаи онро гирад.

## 11. ТАРТИБИ МУАЙЯН НАМУДАНИ ҲАҶМИ ЗИЁН Ё ЗАРАР

11.1. Ҳангоми рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ба Суғурташаванда (шахси суғурташуда, фоидагиранда) ҳаҷми зиён ва зарар дар асоси пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда, маълумотномаи тиббӣ аз беморхона оид ба ҳолати осебгирӣ муайян карда мешавад.

## 12. ТАРТИБИ МУАЙЯНКУНИИ МАБЛАҒИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ (ПАРДОХТИ ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ)

12.1. Дар ҳолати рух додани ҳодисаи суғуртавӣ ҳангоми будубош дар хориҷи кишвар (барои сайёҳони хориҷӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон) ба шахси суғурташуда маблағи воқеии барои мӯътадил намудани вазъи саломатӣ масрафшуда, баъди бозгашт аз сафар (барои сайёҳони хориҷӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз мӯътадил намудани вазъи саломатӣ) пардохт карда мешавад.
12.2. Пардохти маблағи суғуртавӣ дар доираи хароҷоти ниҳоии мақсаднок барои гурӯҳи хизматрасонии тиббии алоҳида, ки зарурати онҳо бо расидани ҳодисаи суғуртавӣ ба амал омадааст, дода мешавад.
12.3. Пардохти маблағи суғуртавӣ дар мавриди пешниҳод гардидани шиносномаи хориҷӣ бо қайди гузаштани сарҳад ва ё ҳангоми нишон додани ҳуҷҷатҳое, ки ҳуқуқи фоидагирандаро ба гирифтани пардохти суғуртавӣ тасдиқ менамояд, ба ҳисоби сомонӣ аз рӯи қурби расмии пули миллӣ нисбат ба асъори хориҷӣ дода мешавад.
12.4. Пардохти маблағи суғуртавӣ аз тарафи Суғуртакунанда дар асоси аризаи Суғурташаванда (сайёҳ, шахси суғурташуда) баъди гирифтани ҳамаи ҳуҷҷатҳо зарурӣ, ки ҳодисаи суғуртавиро тасдиқ менамояд дода мешавад.
12.5. Дар ҳолати мавҷуд будани шартномаи ҳамкорӣ байни Суғуртакунанда ва ташкилоти хизматрасон (Асистанс) ё ширкати суғуртавии хориҷӣ, ба шахси суғурташуда дар доираи маблағи суғуртавӣ ва ҳудуди масъулият хизматрасонии тиббии ройгон расонида мешавад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

12.6. Суғуртакунанда барои хароҷотҳои зерин масъулият бар дӯш надорад:

а) барои хӯроки махсуси Суғурташаванда, агарчи онро духтур ҳам тавсия карда бошад;

б) барои муолиҷа дар санатория ва истироҳатгоҳҳо, агарчи онро духтур тавсия карда бошад;

в) андозаи барзиёд аз маблағи суғуртавӣ, ки ба Суғурташаванда барои баргардонидани саломатии мӯътадил ё ба ҷойи истиқомат бурда расонидани ҷасад (ҳангоми фавт) зарур аст;

г) барои харидан ва таъмири ашё ва таҷҳизотҳои тиббӣ (айнак, асбобҳои шунавоӣ, узви сунъӣ ва амсоли он).

## 13. ҲОЛАТҲОИ РАД КАРДАНИ ПАРДОХТИ СУҒУРТАВӢ (ҶУБРОНИ СУҒУРТАВӢ)

13.1. Ҳолатҳои зерин ҳодисаи суғуртавӣ эътироф намегарданд ва бо суғуртакунии мазкур ҷуброн карда намешаванд:

- хароҷоти марбут ба бемориҳои музмин (хранические заболевания);
- хароҷоти марбут ба табобати шиддатёбии бемориҳои музмин, ки дар бораи онҳо Суғурташаванда (шахси суғурташуда) дар ариза оид ба суғурта, Шартномаи суғурта, дархости хаттии Суғуртакунанда зикр накардааст;
- хароҷоти марбут ба харидани доруворӣ табобатӣ бидуни таъиноти пизишк;
- хароҷоти марбут ба харидани доруворӣ, агар барои харидани чунин доруворӣ, ки таркиби онро мураттиб пинҳон доштааст, дастур дода шуда бошад, инчунин хароҷоти вобаста ба хариди маҳсулоти ғизоӣ, воситаҳои қувватдиҳанда, васоити харобшавӣ ва мусҳил, ки тибқи дастур дода мешавад, воситаҳои зебу зиннат, оби маъданӣ ва воситаҳои ба об дар ванна иловашаванда;
- хароҷот барои расонидани хизмати тиббӣ, агар сафар бо хоҳиши гирифтани табобат ҷараён гирифта бошад;
- хароҷот барои табобати бемории саратон (рак);
- хароҷот вобаста ба давраи табобат, ки то вақти амали Шартномаи суғурта оғоз гардида, дар вақти амали он давом ёфтааст ва ё агар сафар, новобаста аз мавҷудияти аксулнишондодҳои (противопоказания) тиббии пизишки табобатӣ сурат гирифта бошад;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

- хароҷот барои табобати бемориҳои амрози асаб, рӯҳӣ ва кӯшиши худкушӣ;
- хароҷоти барои табобати ҳолатҳои ранҷурӣ (страдания), ки бар асари истеъмоли маводи психотропӣ, токсиндор ва муходиротӣ, нӯшокиҳои алкоголӣ пайдо шудааст, инчунин ҷароҳате, ки ҳангоми тахти таъсири маводи зикршуда қарор доштан табобат намудани ҷароҳатҳои гирифтаи шахси суғурташуда;
- хароҷоти барои табобати бадмастӣ, нашъамандӣ ва токсикоманӣ;
- хароҷоти марбут ба ҳамли муҳлаташ зиёда аз 12 ҳафта ва сақат кардани ҷанин (ба истиснои қатъи маҷбурии ҳомиладорӣ, ки натиҷаи ҳодисаи нохуш маҳсуб меёбад);
- хароҷоти марбут ба табобати ҷароҳат, бемориҳо, ки бар асари таъсири мустақим ё ғайримустақими ҳар гуна нурафканиш, аз ҷумла нурҳои офтобӣ ба вуҷуд омадааст;
- хароҷоти барои харидани айнак, линза, дастгоҳи шунавоӣ, узвҳои сунъӣ ва ба гузоштани ҳар гуна узви сунъӣ;
- хароҷоти барои табобат дар осоишгоҳҳо;
- хароҷоти барои табобати амрози таносул (заболевание половых органов) ва БНММ (СПИД);
- хароҷоти барои эмкунӣ ҷиҳати пешгирии бемориҳо ва муоинаи тиббӣ;
- хароҷоти барои ҷарроҳии косметикӣ ва пластикӣ;
- хароҷоти барои акупунктура, физиотерапия ва дигар намудҳои табобати барқароркунӣ;
- хароҷоти барои табобати бемориҳое, ки фарорасии онҳоро метавонад ваксинатсияи қаблӣ пешгирӣ намояд;
- хароҷоте, ки ба расонидани хизмати дандонпизишкӣ вобаста аст, ба истиснои кӯмаки фаврии дандонпизишкӣ, дар доираи меъёри уҳдадориҳое, ки дар Шартномаи суғурта қайд гардидаанд, ки зарурати он дар натиҷаи шикасти ҷоғ ҳангоми фарорасии ҳодисаи нохуш ва бар асари дарди шиддатноки дандон пайдо шудааст;
- хароҷот барои табобати ҷароҳат ва бемориҳое, ки бар асари машқҳои спортӣ ба вуҷуд омадаанд, ба истиснои ҳолатҳои пардохти ҳаққи иловагӣ ҳангоми огоҳонии ҳатмии Суғуртакунанда;
- хароҷот барои табобати ҷароҳат ва бемориҳое, ки бар асари машқҳо дар авиаспорт, аз парашют фаромадан, алпинизм, пойгаи мотосиклронӣ ва мошинронӣ ва дигар намудҳои таваккал ба вуҷуд омадаанд ба истиснои ҳолатҳои пардохти ҳаққи иловагӣ ҳангоми огоҳонии ҳатмии Суғуртакунанда;

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

- хароҷот барои табобати ҷароҳат ва бемориҳое, ки ҳангоми иштирок дар мусобиқаҳои спортии расман барпошаванда ба вуҷуд омадааст, ба истисноӣ ҳолатҳои пардохти ҳаққи иловагии суғуртавӣ ҳангоми ҳатман огоҳонидани Суғуртакунанда;
- хароҷот барои табобати беморӣ ва ҷароҳатҳое, ки бар асари оқибати ҷанги шаҳрвандӣ, шӯришҳои оммавӣ, машқҳои ҷангӣ, корпартоиҳо, ошӯбҳо, вазъияти фавқулодда ва дигар ҳодисаҳои монанди инҳо ба миён омадаанд;
- хароҷот барои ташхис ва табобати беморӣ бо усулҳои ба таври илмӣ эътирофнашуда, инчунин хароҷоте, ки бо харидани доруворӣи бидуни сертификати сифат алоқаманд аст;
- хароҷот вобаста ба мудохилоти ҷарроҳӣ ё табобате, ки мумкин аст то бозгашти шахси суғурташуда ба кишвари зисти доимияш ба таъхир гузошта шуда, онро Суғуртакунанда ё ширкати хизматрасон маъқул надонистааст;
- хароҷот вобаста ба табобати бемориҳо ва ҷароҳатҳое, ки бар асари амали ҷиноятӣкорона ё ғайриқонунии шахси суғурташуда ба вуҷуд омадаанд;
- хароҷот барои табобати ҷароҳат ва бемориҳое, ки дар садамаи нақлиётӣ ба вуҷуд омадаанд, агар шахси суғурташуда воситаи нақлиётро бидуни шаҳодатномаи ҳуқуқи ронандагӣ идора карда бошад ва ё идора кардани онро ба шахсе, ки дорои шаҳодатномаи ҳуқуқи ронандагӣ намебошад, додааст;
- хароҷоте, ки дар натиҷаи аз ҷониби шахси суғурташуда риоя накардани қоидаи муқарраршудаи рафтор дар ҷойҳои ҷамъият ба вуҷуд омадааст.

**13.2. Суғуртакунанда ҳуқуқ дорад, ки пардохти маблағи суғуртавиро дар ҳолатҳои зерин рад намояд:**

- агар шахси суғурташуда ва ё намояндаи ӯ барои қабул кардани қарор оид ба пардохтани маблағи суғуртавӣ ҳамаи ҳуҷҷатҳои заруриро пешниҳод накарда бошад;
- агар шахси суғурташуда ва ё намояндаи ӯ маълумоти пурраро бо мақсади баҳодиҳии дараҷаи хавфҳои суғуртавӣ аҳамиятдошта ба Суғуртакунанда иттилоъ надода бошад;
- агар ҳодисаи суғуртавӣ бо айби корфармо содир шуда бошад.

**13.3. Суғуртакунанда ҳамчунин ҳуқуқ дорад, ки пардохти маблағи суғуртавиро дар давоми амали Шартномаи суғурта дар чунин ҳолатҳо рад намояд:**

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT

- амали барқасдонаи Суғурташаванда (шахси суғурташуда), ки ба фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ равона гардидааст;
- аз ҷониби Суғурташаванда (шахси суғурташуда) содир гардидани ҷинояти барқасдона, ки бо фарорасии ҳодисаи суғуртавӣ дар алоқаи мустақим қарор дорад;
- оид ба саломатии худ (ё дар бораи саломатии шахси суғурташуда) ва/ё доир ба андоза ва арзиши хизмати тиббии расонидашуда дидаю дониста хабар додани маълумоти бардурӯғ аз ҷониби Суғурташаванда (шахси суғурташуда).

## 14. ТАРТИБИ ҲАЛЛИ БАҲСҲО

14.1. Баҳсҳое, ки аз Шартномаи суғуртаи дар асоси ҳамин Қоидаи суғуртавӣ басташуда бармеоянд, бо роҳи гуфтушуниди тарафҳо ҳал карда мешаванд.
14.2. Дар ҳолати ба мувофиқа наомадан баҳс бо тартибе, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, ҳал карда мешавад.

БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ИДОРАИ НАЗОРАТИ СУҒУРТАВӢ
NATIONAL BANK OF TAJIKISTAN
INSURANCE SUPERVISION MANAGEMENT